آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

27 январи соли 2021. Чоршанбе № 8 (14709)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ВАЗИФАҲОИ АНИҚ ОИД БА ТАШКИЛИ НИЗОМИ НАВИ КОР ДАР МАҲАЛЛАҲО ВА КОҲИШ ДОДАНИ ҚАШШОҚӢ МУАЙЯН КАРДА ШУДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев 26 январ оид ба масъалаҳои таъмини рушди босуботи иқтисодӣ дар соли 2021 ҷамъомад баргузор намуд.

Тавре ки дар Муроҷиати роҳбари давлат ба Олий Маҷлис таъкид шудааст, пешрафти иқтисодиётамонро соли 2021 дар дараҷаи на камтар аз 5 фоиз таъмин бояд кард. Аммо номуайянӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон, ки метавонад тӯл кашад, ҷустуҷӯ намудан ва корбурди захираҳои иловагии рушди иқтисодиро тақозо менамояд.

Бинобар ин, Президент дар назди роҳбарони тамоми дараҷаҳо вазифаи омӯхтани мушкилоти мавҷудаи маҳаллаҳоро дар соҳаҳои дақиқ ва аниқ намудану инкишоф додани «нуқтаҳои пешрафт» гузошт.

Дар ҷамъомад чорабиниҳо дар ин самт ва механизми татбиқи онҳо муҳокима гардиданд.

Пеш аз ҳама, тавре ки таъкид шуд, ногузир аст, ки намояндагони маҷмӯи иқтисодӣ ба маҳаллаҳо фуромада, ҳамдастии тамоми мақомоти давлатиро ба таври вертикалӣ роҳандозӣ намоянд.

Роҳбари давлат ба масъалаи дараҷаи дониш ва масъулияти мутахассисон эътибори алоҳида нигаронд, ки онҳо дар ин низом ба кор бурда мешаванд. Аҳамияти таълими беш аз 20 ҳазор ходимон ва ба онҳо вогузор намудани тамоми ваколатҳо барои ҳалли масъалаҳо дар маҳалҳо таъкид шуд.

Ба Академияи идораи давлатӣ ташкил намудани тренинг барои намояндагони маҳаллаҳо ва тамоми ходимон, ки онҳо дар низоми номбурда иштирок менамоянд, инчунин барои ин мақсад таҳия намудани барнома ва дастурҳои махсус супурда шуд.

Аҳамияти муайян намудани ҷавобгарии шахсӣ ва ҳисоботдиҳии ҳар як роҳбар дар ин низом, ба вуҷуд овардани пойгоҳи онлайни электронӣ, ки барои тезондани қабул ва татбиқи қарорҳо мусоидат менамоянд, таъкид гардид.

Президент бори дигар ба масъалаи кам кардани қашшоқӣ дахл намуд, дар бобати таълими аҳолӣ ба соҳибкорӣ ва касб, бо кор таъмин намудан суповиш дод.

Роҳбарияти Вазорати инкишофи иқтисодӣ ва коҳиши қашшоқӣ дар бораи манбаъҳои иловагии инкишофи иқтисодӣ дар соли 2021 аз рӯйи соҳаҳо ва минтақаҳо гузориш дод.

Дар ҷамъомад чорабиниҳо доир ба комилан ба кор бурдани ин захираҳо, дарёфти инкишофи иловагии иқтисодӣ ва таъмини суботнокии макроиқтисодӣ баррасӣ гардиданд.

Бори дигар ба масъалаи таъмини кифояти маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва бартараф намудани омилҳое, ки ба болоравии нарх таъсир мекунанд, дахолат карда шуд.

Захираҳои иловагӣ дар сектори саноат низ ифшо гардиданд. Аз он ҷумла, тавре ки таъкид шуд, бояд занҷирҳои истеҳсолиро дар соҳаҳои кимиё, металлургия, мошинсозӣ, истеҳсоли электротехника, дорусозӣ, индустрияи масолеҳи сохтмон, бофандагӣ, маҳсулоти чарму пойафзор, ки «драйверҳо»-и асосии иқтисодиёт ба шумор мераванд, васеъ кард.

Вазифаҳо доир ба трансформатсияи корхонаҳои калони давлатӣ, оптимизатсияи харҷ ва низоми идора гузошта шуданд.

Дар соҳаи хидматрасонӣ инчунин имконоти берун аз истифода зиёд мебошад. Президент ногузирии пурра сафарбар намудани онҳо, афзудани миқдори нуқтаҳои хидматрасонӣ дар минтақаҳо, васеъ намудани намудҳои хидматрасонии замонавиро таъкид кард. Муайян карда шуд, ки ба барномаи рушди соҳаи хидматрасонӣ солҳои 2021-2023 ҷавонон ба тавр васеъ ҷалб хоҳанд шуд.

Дар ҷамъомад масъалаҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ муҳокима гардиданд. Дар доираи Барномаи сармоягузорӣ барои соли ҷорӣ ҷудо намудани қариб 18 триллион сӯм барои 1072 объект пешбинӣ мегардад. Дар бобати оқилона истифода намудани ин маблағ, дақиқ таҳия кардани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва таъмини сохтмони сифатнок суповиш дода шуд.

Шахсони масъул дар бораи чорабиниҳои оянда дар заминаи самтҳои кори ҳалқаи миёна ва поёнии вазорат ва идораҳои маҷмӯи иқтисодӣ дар кор дар маҳаллаҳо, корбурди низомеро, ки ба одамон наздик аст, пешниҳод намуданд.

ЎзА.

ОИД БА ГУЗАРОНДАНИ ЭКСПЕРТИЗАИ ЛОИҲАҲО СУПОРИШ ДОДА ШУД

Президент Шавкат Мирзиёев 25 январ бо муаррифии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат ва логистика шинос шуд.

Яке аз лоиҳаҳо ташкили истеҳсоли тунукаи сафед дар Тошканд мебошад, ки арзиши он 280 миллион евроро ташкил медиҳад. Ба нақша гирифта шудааст, ки иқтидори истеҳсолии корхона соле 120 ҳазор тоннаро ташкил дода, 750 ҷойҳои корӣ муҳайё карда шаванд.

Лоиҳаи истеҳсоли сементи баландсифат дар вилояти Ҷиззах низ пешомаднок мебошад. Лоиҳаи арзишаш зиёда аз 2 триллион сӯм имкон медиҳад, ки солона 1,3 миллион тонна семент истеҳсол карда шавад, ки 200 ҳазор тоннаи он ба хориҷ содир хоҳад шуд.

Арзиши лоиҳаи истеҳсоли компрессорҳои герметикӣ барои яхдонҳо, сардкунакҳо ва кондитсионерҳо 735 миллиард сӯм аст. Иқтидори солонаи он 3 миллион ададро ташкил медиҳад ва ба хориҷа интиқол додани 500 ҳазор адад дар назар аст. 300 ҷойи корӣ фароҳам оварда мешавад.

Инчунин лоиҳаҳои истеҳсоли ҳисобкунакҳои электронии об, маснуоти оҳану бетонӣ ва сафолӣ тақдим гардиданд.

Ба лоиҳаҳои ташкили марказҳои логистикӣ дар Тошканд ва вилоятҳо диққати махсус дода мешавад. Ин марказҳо анборҳои хӯрокворӣ ва ғайриозуқавориро дар бар мегиранд ва хидматҳои боркашонӣ, хаткашонӣ ва тиҷорати электрониро пешниҳод хоҳанд кард. Зиёда аз 5 ҳазор ҷойҳои корӣ муҳайё карда мешаванд.

Роҳбари давлат дастур дод, ки экспертизаи лоиҳаҳо ҷиҳати таъмини иҷрои босифати онҳо гузаронида шавад ва инчунин қайд кард, ки дар қисмати соҳаҳо ва минтақаҳо низоми мазкур ҷорӣ карда, ба омодагӣ ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ баҳо дода, ба мутахассисони сатҳи поёнӣ кӯмак расонда шавад.

ЎзА.

Омодагӣ ба ҷашни бузург:

ЧОРАБИНИҲО БОЯД БА ХУД ХОС ВА БЕМИСЛ БОШАНД

Ҷамъомади ташкилии гурӯҳи кории Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис оиди дар сатҳи баланди ташкилӣ ва ғоявӣ баргузор намудани ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид.

Дар чорабинӣ моҳият ва мундаричаи вазифаҳое, ки дар қарори Президент Шавкат Мирзиёев «Дар бораи омодагӣ ва дар сатҳи баланд гузаронидани ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» аз 17 декабри соли 2020 муайян шудааанд, ҳамаҷониба таҳлил карда шуд.

Дар қарор ба он эътибор дода шудааст, ки дар тӯли солҳои истиқлолият мардуми сермиллати Ӯзбекистон иқтидори азим, иродаи қавӣ ва мардонагии худро нишон дода, озмоишу мушкилоти душворро устуворона паси сар намуда, роҳи тӯлонии рушдро тай карданд.

Дар воҳӯрӣ роҳбари гурӯҳи корӣ, муовини якуми раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Акмал Саидов дар бораи самтҳои афзалиятноки иҷрои вазифаҳое, ки аз барномаи чорабиниҳои ташкилию амалӣ, маънавию маърифатӣ ва таблиғотӣ баромада, ғояи «Мо дар Ӯзбекистони нав – кишвари озод ва шукуфон зиндагӣ мекунем!»-ро таҷассум менамояд, нақл кард.

Тавре ки дар қарор дар бораи таҷлили сисолагӣ – санаи муҳими таърихӣ қайд шудааст, дар натиҷаи ислоҳоти солҳои охир, пеш аз ҳама дар заминаи татбиқи Стратегияи амалиёт оид ба панҷ самти афзалиятноки рушди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои 2017-2021 дар самти навсозии куллии соҳаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маънавӣ ва маърифатӣ, татбиқи ғояи «Аз эҳёи миллӣ ба пешрафти миллӣ» муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда мешаванд. Ҳамаи ин аз депутатҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис талаб мекунад, ки барои то ба шуури мардум расонидани рӯҳияи замони нав фаъолнокӣ ва фазилатҳои пешвоӣ нишон диҳанд.

Гурӯҳи корӣ дар асоси вазифаҳои қарор нақшаи чорабиниҳоро оид ба таҷлили 30-солагии истиқлолияти давлатӣ таҳия намуд. Мувофиқи он, дар кишвар баргузор намудани чорабиниҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавӣ таҳти шиорҳои «Аз эҳёи миллӣ — ба пешрафти миллӣ», «Ӯзбекистони нав — парлумони нав», «Ҷавонони истиқлол» ба нақша гирифта шудааанд. Ҳамзамон, ба асолату беҳамтоии рӯйдодҳо, муносибати эҷодӣ ба ташкили онҳо диққати ҷиддӣ дода мешавад. Зарурати баргузории озмунҳои эҷодии онлайн оид ба ташаккули парламентаризми миллӣ, “мизҳои мудаввар” ва воҳӯриҳои гуногун бо ҷалби васеи аҳолӣ таъкид карда шуд. Дар баробари ин, ба мазмуннокии баромадҳо дар нашрҳо, васоити ахбори оммавии электронӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, гуногунрангии маҳсулоти медиа, ки ба ҷашни аз ҳама бузург ва аз ҳама азиз бахшида шудааанд, диққати ҷиддӣ додан лозим меояд.

Оид ба васеъ ҷалб намудани намояндагони сохтори Парлумони ҷавонон барои гузаронидани мулоқот дар маҳалҳо тадбирҳои амалӣ муайян карда шуданд. Барои дар сатҳи баланд ташкил кардани ин чорабиниҳо дар баробари вакилони парлумон, депутатҳои Кенгашҳои маҳаллӣ низ васеъ ҷалб карда мешаванд. Дар ҷамъомад депутатҳои барои сариваҚт гузаронидани мулоқоту муколамаҳо масъул муайян шуданд.

Ғайр аз ин, дар ҷамъомади гурӯҳи корӣ «харитаи роҳ» -и чорабиниҳо оид ба омодагӣ ва дар сатҳи баланд таҷлил намудани 30-солагии истиқлолияти кишварамон тасдиқ карда шуд.

Назокат УСМОНОВА, мухбири ЎзА.

Дар маҳаллаи Бойовули ноҳияи Норини вилояти Намангон 3 ҳазор нафар аҳолӣ ба сар мебарад. Замини наздиҳавлии мардум 37,6 гектарро ташкил медиҳад, ки аксарият дар қитъаҳои худ бо лимӯпарварӣ машғуланд.
Дар деҳа саҳми Валихон Маҳмудови шодравон ба лимӯпарварӣ назаррас буд. Ҳоло кори падарро фарзанди ӯ Ғайрат Маҳмудов давом медиҳад.
– Дороиямон аз лимӯпарварист, – мегӯяд Ғайрат Маҳмудов. – Дар 70 сотих гармхона 12 навъи меваҳои ситрусӣ парвариш меёбанд. Маркази таълимиро ба роҳ мондем. Марказу гармхона дар ихтиёри бародари хурдиам. Соли сипаригардида ба Русия 20 тонна лимӯ содир намудем. Даромади солона 500-600 миллион сӯмро ташкил дод.
Дар акс:** дар хонадони **Ғайрат Маҳмудов.
Аксбардор: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).

ОИД БА ҲАМКОРӢ БО ИИА «ХАРИТАИ РОҲ» ТАҲИЯ МЕГАРДАД

Дар Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ҷамъомади гурӯҳи корӣ оид ба ташкили омӯзиши масъалаҳои ҳамкории байни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё баргузор гардид.

Дар чорабинӣ аъзои гурӯҳи корӣ бо роҳбарии муовини якуми раиси Палатаи қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон Акмал Саидов ширкат варзиданд.

Ҳадафи гурӯҳи таъсисёфта таҳлили амиқи ҷанбаҳои мусбат ва манфии узвият дар ИИА, омӯхтани таъсири он ба иқтисодиёти миллӣ, баррасии ҳамаҷонибаи дурнамои ҳамкорӣ бо дигар созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои хориҷӣ мебошад.

Дар ҷамъомад таъкид гардид, ки дар асоси Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Олий Маҷлис аз 29 декабри соли 2020 яке аз вазифаҳои асосии гурӯҳ ташкили омӯзиши масъалаи ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё дар соли 2021, пайдо кардани роҳҳои аз ҷониби Ӯзбекистон ба сифати давлати нозир ҳамаҷониба истифода бурдан аз ин сохтори минтақавӣ муайян шуданд.

Иштирокчиёни чорабинӣ қайд карданд, ки бояд механизми танзими ҳуқуқии раванди иштироки ҳамаҷониба дар бозорҳои кишварҳои узви ИИА-ро амиқ омӯхта, корро оиди ба меъёри созмони мазкур мувофиқ гардондани қоидаҳои миллии техникӣ суръат бахшид. Бо мақсади ташкили самарабахши ҳамкорӣ байни ИИА ва Ӯзбекистон лоиҳаи “харитаи роҳ” барои соли 2021 муфассал муҳокима ва тасдиқ карда шуд.

Дар ҷамъомади гурӯҳи корӣ, ки аз ҷониби Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъсис дода шудааст, тадбирҳои мушаххас оид ба расонидани пешниҳодҳо ба вазорату идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор, инчунин назорати парлумонӣ аз болои иҷрои онҳо муайян карда шуданд.

Ғайрат ХОННАЗАРОВ, мухбири ЎзА.

Муносибат

«АГАР ОГОҲ БОШӢ...»

19 январи соли равон дар корҳои ғояи миллӣ ва маънавию маърифатӣ гардиши куллие ба вуҷуд омад. Дар ин сана дар ҳузури Президент чорабиниҳо доир ба куллан такмил додани низоми ғояи миллӣ ва корҳои маънавию маърифатӣ, пурзӯр намудани ҳамкории давлат ва созмонҳои ҷамоатӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд, мақсаду вазифаҳо муайян гардиданд.

Шавкат Мирзиёев дар гирдиҳамоӣ изҳор дошт: *«Агар ҷисми ҷамъият иқтисодиёт бошад, рӯҳу ҷони он маънавият аст. Мақсад агар бунёди Ӯзбекистони нав бошад, мо бояд ба ду сутуни қавӣ такя кунем. Якум — иқтисодиёти нирӯманде, ки асосашро тамоюлҳои бозорӣ ташкил медиҳад, дуюм — маънавияти нерӯманде, ки асосашро мероси маънавии ачдод ва арзишҳои миллӣ ташкил медиҳад»*.

Табиист, ки инсон мураккаб аз ягонагии тану рӯҳ аст. Ба хотири яке наметавон дигареро қурбон кард. Аммо ба ҳамоҳангии он ноил гардидан кори осон нест. Инро хоҳ дар мисоли як шахс, хоҳ ҷамъият бинем, аён мегардад, ки кори басе масъулиятталаб мебошад. Бо вуҷуди ин, инсон ба камол расидан мехоҳад.

Дар соҳаи иқтисодиёти мамлакат ислоҳоти зиёде ба амал татбиқ мегардад. Мо ба дунболи иқтисодиёти нирӯманде меравем, ки асосии онро тамоюлҳои бозорӣ ташкил медиҳад. Чорабиниҳои пайгирона доир ба коҳиш додани камбизоатӣ андешида мешаванд. Ҳатто дар Барномаи давлатии «Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ», ки дар байни халқ мавриди муҳокима қарор гирифтааст, дар ин хусус чорабиниҳои мушаххас пешбинӣ шудааанд.

Мусаллам аст, ки дар баробари рушди иқтисодиёт, камбизоатӣ низ коҳиш меёбад. Вале қашшоқии маънавиро чӣ хел метавон бартараф кард?

Президенти Ӯзбекистон ин масъаларо ба миён кундаланг гузошт. Як нуктаи нозукро набояд фаромӯш кард. Дар байни қашшоқии моддӣ ва маънавӣ иртиботи ногусастание вуҷуд дорад. Табиист, ки дар баробари барҳам хӯрдани камбағалӣ решаи қашшоқии маънавӣ низ аз байн меравад. Зеро ба гӯши одами шикамсер садои маънавият хушоянд аст. Дар ин хусус дар урфият гӯянд: *«Пеши одами гушна танбӯрнавозӣ суд надорад?!»* Веле дар мисоли давлатҳои рушдкарда дида истодаем, ки серӣ сабаби зиёдаравиҳост. Вазифаи тарғиботи маънавияту маърифат бошад, иборат аз пайдо кардани ҳалқаи тиллоии васатист.

Таъкид гардид, ки имрӯз кор карда баромадани консепсияи рушди ғояи миллӣ, куллан такмил додани низоми тарғиби маънавияту маърифат дар мамлакат, дар ин самт боз ҳам пурзӯр кардани ҳамкориҳои давлату созмонҳои ҷамъиятӣ аз ҷумлаи вазифаҳои басе муҳимест, ки дар назди халқу ҷамъият истодааанд.

Соҳаи ғояи миллию маффкура ва маънавияту маърифат ҳар рӯзу ҳар соат дар назди ҷамъият вазифаҳои нав ба навро гузошта, ҳаллу фасли онҳоро тақозо менамояд. Дар баробари дигар шудани авзои дунё фикру нуқтаи назари одамон ва муносибати онҳо ба ҳаёт тағйир меёбад. Бояд ошкор гуфт, ки дар майдони мафкура бо такя ба усулу воситаҳои 4-5 сол пеш наметавон мубориза бурд. Зеро майдони ахбор беш аз андоза вусъат пайдо кардааст. Дар шабакаҳои иҷтимоии таркиби расонаҳои ахбори оммавӣ самтҳои гуногун рӯйи кор омадааанд. Муборизаи мафкуравӣ беш аз беш пурзӯр гардид ва печидагиҳо пайдо кард. Ҳар рӯз ахбори гуногун пешниҳод мегардад. Онҳоро кӣ аз ғалбер гузаронда, хубашро аз нохуб ҷудо карда медиҳад. Имрӯз кӯдаки забонаш ҳанӯз набаромада низ телефони дастӣ дорад. Вай дар он чиро мебинад? Касе оё инро таҳти назорат мегирад? Ахбори воридшуда ба шуури бача чӣ асорате дорад? Он ахбор ба некӣ хидмат мекунад ё бадӣ?

Имрӯз сафи блогерон низ зиёд шуд. Демократия, тибқи қонун баромади онҳоро ҳеч кас манъ карда наметавонад. Бигирем, як гапи хато гуфта шуд, *блогере хабари марги як шахси машҳурро расонд*. Агар каси дигар «шӯхӣ»-и ӯро инкор накунад, он одам ба қатори мурдагон медарояд.

Дар уфият мегӯянд: *«Қошуқи холӣ даҳонро даронад»*. Дар чорабиниҳои тарғиботи маънавию мафкуравӣ бояд ғояҳои ба миён гузошташуда асосе дошта бошанд. Ба таври дигар гӯем, корҳое, ки дар ин самт анҷом дода мешаванд, бояд моҳияти сиёсати халқпарвaронаи давлатро кушода диҳанд.

Солҳои охир боварии шаҳрвандон ба давлат зиёд шуд. Зеро идораҳои давлатӣ ба халқ хидмат мекунанд. Президент аз роҳбарон талаб мекунад, ки бо ғаму дарди халқ ба сар баранд. Инро дар маҳалҳо халқ дуруст қабул мекунад. Дар видеоселектор такрор таъкид гардид, ки қабл аз ҳама бояд худи роҳбар соҳиби маънавияти воло бошад. Ғояҳои олӣ ҳамон вақт ба амал татбиқ мешаванд, ки халқ онҳоро бипазирад.

(Давомаш дар саҳ.2).

Дар мактаби олии судяҳои Шӯрои олии судяҳои ҷумҳурӣ таҳти унвони “Мулоқотҳои конструктивӣ байни суд ва воситаҳои ахбори оммавӣ” курси омӯзишӣ ба кори худ шурӯъ намуд.

ИФТИТОҲИ КУРСИ ОМӮЗИШӢ

Ин курс дар ду шакл — бевосита ва аз тариқи онлайн баргузор мегардад. Мувофиқи барномаи он барои иштирокчиён маърӯзаҳо тақдим мешаванд, тренингҳо баргузор мегарданд, аз тариқи саволу ҷавоб ба масъалаҳои зиёди ҳуқуқӣ ва қонунҳои марбут ба суд равшанӣ меандозанд.

Курси омӯзишӣ дар ҳамкорӣ бо Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ роҳандозӣ шудааст. Он ду ҳафта давом хоҳад кард ва ҳамаи хоҳишмандон метавонанд худро сабти ном ва дар машғлият ширкат кунанд. Ба ҳар як машғулият барои маърӯзахонӣ ва ҷавоб ба саволҳои журналистону блогнависон донишмандони соҳаи ҳуқуқ ва суд, ҳамчунин журналистони ботаҷриба даъват хоҳанд шуд.

Рӯзи аввали курси омӯзишӣ ба тариқи суҳбати мизи мудаввар гузашт. Маросими ифтитоҳи он бо сухани муқаддимавии раиси Шӯрои олии судяҳои ҷумҳурӣ Холмӯмин Ёдгоров оғоз ёфт Баъд директори Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои назди Дастгоҳи Президент Асадҷон Хоҷаев, ректори Донишгоҳи журналистика Шерзодхон Қудратхоҷа, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис Сафар Остонов ва як гурӯҳ журналистон бевосита ва аз тариқи онлайн фикру ақидаҳои худро дар робита ба мулоқоти конструктивии суд ва воситаҳои ахбори оммавӣ, ташаббус ва масъулияти журналистон ҳангоми навиштани мақолаҳо, очеркҳои судӣ ва амсоли он дар миён гузошта шуд.

Гуфта шуд, ки дар машғулиятҳои баъдина доираи маърӯзачиён ва иштирокчиён боз ҳам фарохтар хоҳад шуд.

Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири “Овози тоҷик”.

Дар ҳошияи Муроҷиатнома

«ТАНИ СИҲҲАТ – БЕХИ ДАВЛАТ»

Охири моҳи декабри соли сипаригардида Муроҷиатномаи Президент ба Олий Маҷлис дар матбуоти даврӣ рӯйи чопро дид. Ба мушоҳида расид, ки аҳолӣ онро тавассути телевизион ва радио диду шунид, дар корхонаҳо мавриди омӯзиш қарор гирифт. Вақте бо он ошно шудам, ҷараёнҳои соли сипаригардида ва вазифаву нақшаҳо барои соли 2021 пеши назар омад. Сарвари мамлакат соли равонро «Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ» эълон кард. Худ номи сол ба масъулияти мо — ходимони тиб то ҷое меафзояд. Фикр мекунам, ки ин муроҷиат, дар мисоли Олий Маҷлис, муроҷиат ба аҳолии Ӯзбекистон буд.

Ба сифати як шифокор — ҷарроҳ дар Муроҷиатнома вазифаҳои дар соҳаи тиб пешбинишуда маро мутаваҷҷеҳ сохтанд. Аз он бармеояд, ки дар соли 2021 дар соҳаи тиб иҷрои вазифаҳои муҳим дар мадди назар аст. Роҳбари давлат таъкид намудааст, ки дар соли равон низ алайҳи коронавирус пайгирона муборизаро бурда хоҳад шуд. Бо назардошти таҷрибаи андӯхташуда дар шароити пандемия доир ба беш аз пеш вусъат додани рақамикунонии соҳаи тиб, пурзӯр намудани хидмати фосилавӣ дар муассисаҳои тиббӣ, тезондани корбарии электронӣ дар поликлиникаҳои оилавӣ ва бемористонҳо чорабиниҳо андешида мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки ба беморон ташхиси дуруст гузошта шавад, ба давутози зиёд ҳоҷат намонад, муолиҷа натиҷаи матлуб бахшад. Ба мақсади баланд бардоштани сифати хидмати санитарию эпидемиологӣ лабораторияҳои замонавӣ ташкил карда хоҳанд шуд.

Омадааст, ки барои ин ҷудо кардани 200 млн. доллар дар назар аст. Пешбинӣ шудааст, ки ба мақсади беҳбуди кор дар соҳа ба шифокори оилавӣ 5 нафар ҳамшираи шафқат вобаста карда мешавад, яъне «бригадаи тиббӣ» фаъолият нишон хоҳад дод. Сабукии дигар дар соҳа ин аст, ки рӯйхати хидмат ва воситаҳои давоии ройгон аз нав тартиб дода мешавад ва низоми таъмини аҳолӣ бо онҳо роҳандозӣ мегардад.

Дар соли равон бунёди бунгоҳҳои тиббӣ ва поликлиникаҳои оилавӣ дар назар дошта шудааанд, ки имкони бо хидмати тиббӣ бештар фаро гирифтани аҳолиро медиҳад. Ба шифокороне, ки дар дурдастҳо кор мекунанд, ба миқдори 30 млн. сӯм кӯмакпулӣ дода мешавад. Илова бар ин, онҳо бо хонаҳои хидматӣ таъмин карда хоҳанд шуд. Ба фикрам, ин ба он хотир аст, ки дар гӯшаҳои дурдасти мамлакат низ аҳолӣ аз хидмати тиббӣ ба таври бояду шояд баҳраманд гарданд. Фикр мекунам, бо нақлиёт низ таъмин намудани ин гуна шифокорон ба фоидаи кор аст.

Ин суханони роҳбари давлат: «Ғамхорӣ дар борои саломатии модару кӯдак — ғамхорӣ нисбат ба ҷамъият ва ояндаи мо мебошад... Дар оянда бачаҳои то 15-сола ва занони ҳомила 7 намуди витамин ва доруворияро аз касалиҳои паразитӣ ройгон ба даст медароранд», натанҳо дасту дили ходимони тиб, балки дасту дили аҳолии мамлакатро низ ба ҳаёт гарм месозад. Бешубҳа, модарону кӯдакон солим бошанд, ҷамъият низ солим мегардад. Таҷриба нишон медиҳад, ки насли солим ба бунёдкориҳои зиёд қодир аст.

Президент дуруст таъкид намуд, ки ҳоло беш аз 12 ҳазор шаҳрвандони мо аз лейкемия ва оқибатҳои вазнини бемориҳои гемотологӣ азият мекашанд. Вобаста ба ин, барои соли равон маблағи зиёд — ҷудо кардани 250 млрд. сӯм ба гузарондани чораҳои мураккаби ташхис дар соҳаи онкогематология ва касалиҳои табобаташон душвор пешбинӣ шудааст.

Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз омилҳои муҳими тандурустии аҳолӣ мебошад. Ин самт низ аз эътибори роҳбари давлат дар канор намонд. Вай изҳор дошт, ки оммавӣ гардондани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш омили муҳими таъмини саломатии аҳолӣ ба шумор меравад. Ба сифати мутахассис илова намуданиям: 80 фоизи шахсоне, ки бо тарбияи ҷисмонӣ пайгирона машғул мешаванд, ба беморӣ гирифтор намешаванд. Одатан хуни инсон баъди 45-50 солагӣ ғафс шудан мегирад. Баъзе беморихо бар асари ғафсшавии хун зуҳур мекунанд. Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба гардиши муътадили хун мусоидат менамоянд...

Пешбинӣ шудааст, ки соли равон барои бо таҷҳизоти варзишӣ ҷиҳозонидани 70 иншооти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, 16 муассисаи таълими томактабӣ ва мактабӣ 100 млрд. сӯм ҷудо карда хоҳад шуд.

Бояд дар гирдиҳамоиҳои гуногун, муассисаҳои таълимӣ ба мардум моҳияти ин ғамхориҳоро тавре маънидод кард, ки тарбияи ҷисмонӣ ба ҷузъи ҷудонопазири зиндагии шаҳрвандон табдил ёбад. Рушди иқтисодиёт ва шукуфоии мамлакат аз инсони рӯҳан ва ҷисмонан солим вобаста аст. Дар урфият мегӯянд: «Тани сиҳҳат — бехи давлат». Халқ ин ҳикматро беҳуда эҷод накардааст.

Зайниддин НОРМАН,
ҷарроҳи тоифаи олӣ,
номзади илмҳои тиб.

Хонаи меҳрубонии рақами 1-уми ноҳияи Хӯҷайлии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон 130 нафар бачаҳоро дар бар дорад. Дар ин маскан барои тарбиягирандагон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Барои сермазмун гузаштани вақти холии бачаҳо ба рӯйи онҳо дари маҳфилҳои фортепяно, хор, рақс, футбол, гӯштин, волейбол, шоҳмоту шашка, тенниси рӯйи миз, саводи компутерӣ, пазандагӣ, китобхони ҷавон, дӯзандагӣ, кашидадӯзӣ, рассомӣ ҳамеша боз аст. Дар баробари ин, барои соҳибистеъдодҳои ҷавон фаъолияти ҷамоаи фолклори миллии «Тонг ғунчалари» ва гурӯҳи рақсии «Қарс» ба роҳ монда шудааст.

Дар акс: *дар Хонаи меҳрубонии №1 ноҳияи Хӯҷайлӣ.*

Аксбардор: М.ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).

БО МУРОҶИАТНОМАИ ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БА ОЛИЙ МАҶЛИС АЪЗОИ ПАРЛУМОНИ БРИТАНИЁ ШИНОС КАРДА ШУДАНД

Сафоратхонаи Ӯзбекистон дар Британиёи Кабир барои намояндагони парлумони Британиё дар бораи моҳият ва мазмуни Муроҷиатномаи Президент Шавкат Мирзиёев ба Олий Маҷлис, ки роҳбари давлат 29 декабри соли гузашта онро ироа дошт, брифинг баргузор кард.

Дар чорабинӣ, ки дар шакли онлайн ба вуқӯъ омад, аъзои гурӯҳи ҳамаҳизбии Парлумон оид ба Ӯзбекистон (APPG) ва Гурӯҳи британиёӣ дар Иттиҳоди байнипарлумонӣ, аз ҷумла раиси APPG Эндрю Бриҷен, депутати Палатаи ҷамоаҳо Мартин Виккерс, аъзои Палатаи лордҳо – лорд Боунесс, лорд Лилли, лорд Логан, лорд Вейверли, лорд Балф, баронесса Стерн, баронесса Сатти ва дигарон ширкат ҷустанд.

Сафир Саид Рустамов қонунгузорони британиёиро бо комёбиҳои Ӯзбекистон тӯли соли сипаришуда ва вазифаҳои бартаринокі рушди ҷумҳурӣ дар соли оянда, ки дар муроҷиатномаи роҳбари давлат муайян карда шудааанд, ошно кард. Чораҳое, ки дар мамлакат бобати аксуламал ба пандемияи коронавирус ва дастгирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити бухрони ҷаҳонӣ андешида мешаванд, махсус қайд гардиданд. Вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳукумат дар соҳаи таъмин сохтани саломатӣ ва беҳбуди иҷтимоиву иқтисодии аҳолӣ, рушди сармояи инсонӣ, ҳамчунин ислоҳоти сохтории иқтисодиёт таъкид карда шуданд.

Афзалиятҳои сиёсати хориҷии мамлакат, аз ҷумла таҳкими минбаъдаи муносибатҳои некҳамсоягӣ бо давлатҳои ҳамҷавор мушаххас гардиданд. Ба он чиз эътибор дода шуд, ки дар суханронии Президенти Ӯзбекистон Британиёи Кабир дар шумори шарикони бартариноки сиёсати хориҷӣ, ки кишвари мо ният дорад бо онҳо ҳамкориҳои ҳамаҷонибаро фаъол намояд, зикр гардид.

Аз ҷониби депутатҳои британиёӣ миқёси васеи вазифаҳое, ки дар Муроҷиатномаи Президент Шавкат Мирзиёев тазаккур ёфтаанд, таъкид гардид, ба собиткадамии Ӯзбекистон бобати идома додани ислоҳот, бо вуҷуди санҷишҳои ҷиддии соли сипаришуда баҳои баланд дода шуд. Омода будани ҳам парлумон ва ҳам ҳукумати Британиёи Кабир бобати ҳамаҷониба дастгирӣ кардани Ӯзбекистон бинобар бо муваффақият татбиқ сохтани барномаҳои ислоҳот иброз гардид.

АИ «Дунё»,
шаҳри ЛОНДОН.

«The Korea Post»:

Муроҷиатномаи роҳбари давлат ба Олий Маҷлис барномаи ислоҳоти демократӣ бинобар бунёди Ӯзбекистони нав мебошад

Дар сомонаи яке аз нашрияҳои машҳури Куриёи Ҷанубӣ «The Korea Post» мақолаи пурмуҳтавои асосгузори маҷаллаи мазкур Ли Кёнг Шик таҳти унвони «Дар Ӯзбекистон ислоҳоти васеъмиқёс татбиқ гардида, тағйирот ва навсозӣ ба вуқӯъ меояд» чоп шудааст.

Муаллиф дар мақолааш қайд менамояд, ки чаҳор соли охир дар Ӯзбекистон даврони ислоҳоти ҷиддӣ, бозсозӣ ва навсозии васеъмиқёс буд, ҷараёни тағйирот дар мамлакат аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон ҳамчун «феномени нави Ӯзбекистон» баҳогузорӣ гардид, ҳамаи ин натиҷаи сиёсати пурандешаи хориҷӣ ва дохилӣ мебошад, ки таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев татбиқ мегардад.

Мувофиқи мақола дар Ӯзбекистон ба Олий Маҷлис Муроҷиатнома равона кардани Президент анъанавӣ гардидааст, ки рамзи ҳисоботдиҳии ҳокимияти олӣ ба халқ мебошад. Ин яке аз равандҳои асосии демократия маҳсуб меёбад. Сарвари Ӯзбекистон ҳар сол бо Муроҷиатнома ба парлумон баромад карда, дар вай мавҷуд будани консепсияи пурмуҳтавои стратегияи дарозмуҳлати пешрафтро барои кишвари худ намоиш медиҳад.

Муаллиф таъкид менамояд, ки Муроҷиатномаи роҳбари давлат ба шохаи қонунгузории ҳокимият яке аз ҳодисаҳои асосии сиёсии соли гузашта дар ҳаёти Ӯзбекистон гардид. Бинобар ақидаи ӯ суханронии Президенти Ӯзбекистон бори дигар садоқати ӯро ба раванди мулоқоти ошкоро бо халқ, тайёр будани ошкоро бо шунидани мушкилот ва таклифи ҳар кадом шаҳрванд бобати иқдомҳои минбаъдаи дигаргуниҳои демократии мамлакат намоиш дод.

Бахусус аз ҷониби Президенти Ӯзбекистон «Соли дастгирии ҷавонон ва таҳкими саломатии аҳолӣ» эълон гардидани соли 2021 бори дигар ба ҷаҳониён дар ҷумҳурӣ таҳти роҳбарии ӯ мустақимона татбиқ шудани ислоҳот, дар ин бобат эътибори бештар ба ҳифзи манфиатҳо, пеш аз ҳама, халқи мамлакат нишон дод.

«Муроҷиатномаи Президент Шавкат Мирзиёев ба Парлумон барномаи ислоҳоти демократӣ бинобар бунёди Ӯзбекистони нав мебошад. Вай дар баромади худ ба ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар мамлакат татбиқ мешаванд ва чораҳое, ки амалӣ мегарданд, аз ҷумла ислоҳсозии минбаъдаи соҳаи таълим, таҳкими низоми нигаҳдории тандурустӣ, рушди илм ва ҷорӣ намудани қарорҳои нав дар соҳаи иқтисодиёт такони нав бахшид. Аз ҳама муҳимаш моҳияти Муроҷиатнома ба нуфузи кунунии «Ӯзбекистони нав» мувофиқат мекунад ва садоқати Президентро ба мақсадҳои бозсозии минбаъдаи ҷумҳурӣ бо назардошти ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷомеа намоиш медиҳад»,– хулоса мебарорад муаллифи мақола.

АИ «Дунё»,
шаҳри СЕУЛ.

ХАБАРҲО

Муҳофизати меҳнат дар сохтмон

Шуғл шарти муҳими зиндагист, саломатӣ – неъмати бебаҳо, эҳтиёт – ними ҳаёт. Барои коргар бояд шарт ва шароити мусоиду бехавф дар коргоҳ муҳайё бошад.

Бо саъйи Федератсияи иттиҳодияҳои касаба дар асоси такя ба нишондодҳои Кодекси меҳнат ва дигар ҳуҷҷатҳои қонунию қонунгузорӣ «Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба муҳофизат ва амнияти меҳнат дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон» бо забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва англисӣ ба табъ расид.

Вақтҳои охир, хусусан, объектҳои сохтмонӣ торафт зиёд ва коргарҳое, ки ба сохтмон ҷалб мешаванд, меафзоянд. Ин водор месозад ба таъмини амнияти меҳнатии ходимон бештар эътибор нигаронида шавад. Ҳатмӣ будани таъмини муҳофизати меҳнат, ҷорӣ сохтани сохторҳои амниятӣ дар объектҳои сохтмонӣ дар Фармони Президент «Дар бораи тасдиқ намудани стратегияи модернизатсия, тезонӣ ва рушди инноватсионии сохтори сохтмонии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои 2021-2025» муайян гардидааст.

Дар доираи ҳамин самт аз ҷониби Федератсияи иттиҳодияҳои касабаи Ӯзбекистон бо иштироки мутахассисони соҳа, ходимони муассиса ва корхонаҳое, ки либосҳои махсус (корҷома), воситаҳои ҳимоя истеҳсол менамоянд, таҳти мавзӯи «Бехатарӣ дар ҷои кор – гарави саломатии инсон» семинар-тренинг баргузор гардид. Роҳбари идораи Сохтмони капиталӣ Ҳ.Фозилов оиди вазъ дар объектҳои сохтмон, корҳое, ки бобати беҳсозии шароити меҳнат ва амнияти коргарон пеш бурда мешаванд, баромад намуд. Мудири шуъбаи муҳофизати меҳнати Федератсияи иттиҳодияҳои касабаи Ӯзбекистон Н.Каримова доири таъмини муҳофизати меҳнат ва амнияти дар сохтмон тавсияҳо дод. Гуфт, қабл аз қабул ба кор аз назорати тиббӣ гузаронидани коргар, дар давоми фаъолияти меҳнатиаш муттасил ғамхорӣ сохтан ба солимии ӯ, ҳатман бо корҷома, пойафзори махсус, воситаҳои шахсии ҳимоя таъминии коргарон ногузир мебошад.

Тақдимоти маҷаллаи нав

Муассисаҳои таълими олӣ, аз ҷумла, марказҳои тиббии ҷумҳурӣ бо ҳамкасбони хориҷиашон ҳамкории ҳарҷонибаро ба роҳ мегузоранд. Ин то андозае ба баланд шудани нуфузи тиббиёти Ӯзбекистон дар доираҳои байналхалқӣ мусоидат менамояд. Нашр ва маҳсулоти матбаа, айни замон, воситаи хуби робита мебошад.

Донишкадаи стоматологии Тошканд таҳти ҳамкорӣ бо Донишгоҳи JAMK-и Финландия бо унвони «Medicine and innovations» маҷаллаи илмӣ таъсис кард ва маросими муаррифии шумораи аввали ҳамин нашр баргузор гардид. Мақсад аз таъсиси маҷаллаи нав дар доираи васеъ тарғиб сохтани донишҳои илмӣ-тиббии маҳаллию хориҷӣ, якҷо пеш бурдани тадқиқотҳои фундаменталӣ, таъмини вобастагии информатсионӣ байни муассисаҳои илмӣ-амалии соҳаи тиббиёт мебошад, гуфта шуд дар тақдимот.

Дар маҷалла бештар аз 40 мақолаи илмӣ чоп шудааст, ки аксарият фарогири «COVID-19» буда, масъалаҳои ташхис, муолиҷа ва профилактикаи ин бемории хавфнок муҳокима гардидаанд.

Ҳайати таҳрири маҷалла 28 нафар олимони соҳаи тиббиёт, профессорҳои марказҳои тиббӣ аз Ӯзбекистон, Финландия, Англия, Италия, Ҷопон, Русия, Кореяи Ҷанубӣ, Белорус ва Қазоқистон мебошанд.

М.ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

ТАЪЛИМИ ЭКОЛОГӢ – ТАЛАБИ РӮЗ

Яке аз вазифаҳои муҳиме, ки иҷрои он барои Вазорати таълими томактабии ҷумҳурӣ ногузир арзёбӣ гардид, ҷорӣ намудани таълим ва фарҳанги экологӣ барои кӯдакони хурдсол мебошад. Дар ин маврид татбиқи лоиҳаи озмоишӣ мадди назар гирифта шудааст. Перомуни ин ва масъалаҳои дигари марбут ба тарбияи экологӣ ва фарҳанги экологӣ тайи як нишасти матбуотӣ маълумоти муфассал дода шуд.

Ин нишаст аз тарафи Вазорати таълими томактабӣ ва дар ҳамкорӣ бо идораи ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, Ширкати муттасил ривоҷёбии Британия –Ӯзбекистон – “SVB Advisoru” ва лоиҳаи иҷтимоии “Hashar Week” роҳандозӣ гардид.

– Таълими экологӣ барои кӯдакони синни томактабӣ низ хеле муҳим аст. Аммо агар падару модарон низ дар ин раванд ҳарчи бештар ҷалб шаванд, ба мақсад мувофиқ мебошад. Онҳо чизҳои дар кӯдакистон ёд гирифтаи фарзандашонро тақвият мебахшанд ва барои дар амал татбиқ гардидани ин лоиҳаи хос кӯмак мерасонанд. Гузашта аз ин, таълими экологӣ ҳурмати кӯдаконро нисбат ба табиат, ҳисси муносибати эҳтиёткорона ва масъулиятро тарбия менамояд, – гуфт вазири таълими томактабӣ Агриппина Шин.

Бино ба таъкиди ӯ ҷалби фаъолони маҳалла, ки дар кишвари мо он ба ниҳоди муҳими худидоракунӣ табдил ёфтааст, ба ин раванд низ аз аҳамият ҳолӣ нест. Барои татбиқи лоиҳаи омӯзишӣ ва зуттар амалӣ шудани он ниҳоди маҳалла метавонад нақши муҳим бозад. Зеро фаъолони маҳалла барои ба тамоми қишри ҷомеаи кишварамон расонидани матлабу маромі таълиму тарбияи экологӣ нақши муҳим ҳоҳанд бозид.

Дарвоқеъ, Ӯзбекистон дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ аввалин шуда дар ин маврид иқдоми ҷиддӣ гузоштааст. Бад шудани вазъи экологӣ тақозо менамояд, ки минбаъд барои пешгирӣ намудан аз муфлисии бештар қотеъона мубориза бурд.

Ба гуфтаи муаллиф ва раҳбари лоиҳаи иҷтимоии “Hashar Week” Суна Парк барои ҷорӣ кардани таълими экологӣ, пеш аз ҳама, ба кӯдакон ёд додани ҷараёни ҷудокунии партовҳо ва ба қуттиҳои алоҳида андохтани онҳо хеле муҳим мебошад. Партовҳо ба ду навъ ҷудо мешаванд: барои азнавкоркард мувофиқ ва номувофиқ.

– Чаро мо тасмим гирифтем, ки дар бобати татбиқи лоиҳаи озмоишӣ ва ҷорӣ намудани таълими экологӣ дар ташкилотҳои таълими томактабӣ саҳм гирем? Дар Ӯзбекистон тағйиротҳои куллӣ рух медиҳанд ва ҳамкории мо бо кишвари шумо беш аз пеш доман фарох менамояд. Ҳоло дар натиҷаи беаҳамиятӣ ва ба ҳар кунҷу канор ҳаво додани халтаҳои пластикӣ ва партовҳои дигар ифлосшавии оби ҷӯйборҳо мушоҳида мегардад. Агар пеши ин раванд бо дастаҷамъӣ гирифта нашавад, оқибатҳои нохушро ба бор хоҳад овард, – гуфт ҳамоҳангсози лоиҳаҳои Созмони амният ва ҳамкории Аврупо Ҷон Макгрегор.

Вай афзуд, ки аз кӯдакӣ ёд додани муносибат ба партовҳо ба ҳамин далел аст, ки кӯдак чизи ёдгирифтаашро як умр фаромӯш намекунад.

Ногуфта намонад, ки дар доираи татбиқи лоиҳаи омӯзишӣ ба 13 муассисаи томактабӣ беговелҳо-велосипедҳои бидуни педал тақдим карда мешаванд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири “Овози тоҷик”.

Чораҳое, ки дар ноҳияи Асака оид ба рушди паррандапарварӣ андешида мешаванд, дар қонеъгардонии эҳтиёҷи аҳолӣ бо тухм ва гӯшти парҳезӣ аҳамияти муҳим касб менамоянд.

Дар корхонаи хусусии «Барака ҳамкор паррандачилик»-и ноҳия ҷараёни парвариши ҷӯҷаҳо то ба маҳсулоти гӯштӣ табдил ёфтани онҳо бо усули конвейер ба амал бароварда мешавад.

Дар ҳудуди фермаи паррандапарварӣ дар 57 гектар майдон ба кор андохта шудани корхонаи нави коркарди озуқа ба нақша даромадааст. Ғайр аз ин, ба Афғонистон экспорт намудани гӯшти парранда пешбинӣ шудааст.

Дар акс: *дар корхонаи хусусии «Барака ҳамкор паррандачилик»-и ноҳияи Асака.*

Аксбардор: З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).

«АГАР ОГОҲ БОШӢ...»

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар видеоселектор вазифаи мунтазам баргузор намудани *«Соатҳои маънавият»*, ба ин кор ҷалб намудани зиёиён, аз ҷумла, омӯзгорон ва профессорони муассисаҳои таълими олӣ гузошта шуд. Бояд гуфт, ки дар ин бобат таҷрибаи муайян ҷамъ шудааст. Вале имрӯз аз дирӯз фарқ дорад. Дар назди халқ бояд бо сухани имрӯз баромад кард. Ба минбар бе омодагӣ баромадан нашояд.

Хурӯҷҳои хориҷӣ авҷ мегиранд. Имрӯз дар шабакаҳои иҷтимоӣ амвоҷи фикру ғояҳои гуногун ба зеҳнҳо латма мезанад. Дар паси ин афкор нирӯҳое ниҳонанд.

Ҳамаамон ҳис мекунем, ки халқро бояд ба огоҳӣ даъват намуд, хусусан, дар ҷавонон бояд салоҳияти таҳлилӣ — ҷудо карда тавонистани ахбори зарарнок ва безарарро ташаккул дод. Тавре кард, ки онҳо бо зиракиву ҳушёрӣ ба амвоҷи афкори воридшудаистода қаробат ҷӯянд.

Дар байни зиёиён зиёданд нафароне, ки аз ахбори тезкор истифода бурдан, аз телеграм маводеро ба дигаре интиқол додан ё ҳуҷҷатеро ба сурат гирифтан наметавонанд. Ин гунаҳо дар ҷараёни дарс додан ба талабаҳо аз ахбори рӯз бехабар мемонанд. Ин аст, ки ба онҳо тамғаи аз замон қафомонда зада мешавад. Дар ин ҳолат ба ҷавонон аз ғояву мавқеъ ҳарф задани онҳо натиҷа намебахшад.

Дар видеоселектор оиди аз назари танқидӣ дида баромадани кору фаъолияти Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ ва куллан такмил додани он сухан рафт. Аз ҷумла, пешниҳод гардид, ки дар пойгоҳи таълимии «Тарғибгари маънавият»-и Марказ Пажӯҳишгоҳи иҷтимоиву маънавӣ созмон дода шавад.

Як сухани Сарвазири Британиёи Кабир — Черчилл, ки дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон гуфтааст: *«Оне, ки ахбор зиёд дар даст дорад, дунёро идора карда метавонад»* хеле машҳур шуд. Ҳол он ки панҷ аср қабл шоир ва мутафаккир Алишер Навоӣ дар боби ба шоҳзода Шоҳҳариби Баҳодур бахшида аз достони «Фарҳод ва Ширин» фармуда буд:

Ту шаҳ бошӣ — агар огоҳ бошӣ,
Агар огоҳ бошӣ — шоҳ бошӣ.

Агар мо *огоҳу ҳушёрем* — дорои ахборем. *Агар огоҳ бошӣ, шоҳ хоҳӣ шуд, яъне ҷамъиятро идора хоҳӣ кард*, — мегӯяд шоир дар сатри аввал. Дар сатри дуюм шарт гузошта мешавад: *«Ба шарте, ки ту огоҳ бошӣ, шоҳ хоҳӣ шуд»*.

Дар даъвати бобокалони бузурги мо ва даъвати дар видеоселектор ба миён овардаи Шавкат Мирзиёев ҳамоҳангие эҳсос мешавад.

Султонмурод ОЛИМ,
номзади илмҳои филологӣ,
сармуҳаррири маҷаллаи «Нақшбандия».

Дар кишварамон ба ҳимояи ҳуқуқи кӯдак аҳамияти хос дода мешавад. Дар ин росто қарор аст, ки асосҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи кӯдак ба вуҷуд ояд. Суҳбати гирди миз, ки оид ба муҳокимаи лоиҳаи Қонун "Дар бораи Омбудсмани кӯдакон" баргузор гардид, яке аз чорабиниҳои басо муҳим дар ин самт мебошад.

ЛОИҲАИ ҚОНУН ДАР БОРАИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ КӮДАК МУҲОКИМА ГАРДИД

Боиси зикр аст, ки дар Паёми сарвари давлат Шавкат Мирзиёев ба Олий Мажлис маҳз ба ҳамон нукта таъкид карда шуд, ки дар Ӯзбекистон зарурати таълифи Қонун "Дар бораи Омбудсмани кӯдак" кайҳо арзи вуҷуд намудааст ва ин кор бояд дар зудтарин фурсат ба анҷом расад. Бар ҳамин асос ин чорабинӣ доир гардид, ки онро Омбудсмани Олий Мажлис, намояндагии созмони кӯдакон ЮНИСЕФ дар Ӯзбекистон таъсис доданд. Дар он депутатҳои Палатаи қонунгузорӣ, намояндагони як қатор ниҳодҳои давлатӣ, коршиносони байналмилалӣ ва ходимони воситаҳои ахбори оммавӣ ширкат намуданд.

Ин иқдоми хеле муҳими сиёсӣ дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдак арзёбӣ гардид. Дарвоқеъ, Президент дар Паёми худ як қатор масъалаҳои муҳимро ба миён гузошт. Инҳо масъалаҳои рушд, таҳсилоти ҳамешагӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, ҳифзи кӯдакон ва иштироки пурраи кӯдакон дар ҷомеа мебошанд. Албатта, самаранокии ислоҳот дар соҳаи иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бештар аз ислоҳоти системаи амнияти иҷтимоӣ, пешниҳод ва истифодаи ҳадамоти иҷтимоӣ, такмили кори иҷтимоӣ ва таълими кормандони иҷтимоӣ вобаста аст.

– Ин як қадами муҳим дар пешбурди ҳуқуқи кӯдак дар Ӯзбекистон аст, – гуфт намояндаи ЮНИСЕФ дар Ӯзбекистон Мунир Мамедзода. – Пас аз қабули қонун, он тибқи Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак, ҳуқуқи кӯдаконро дар Ӯзбекистон, бахусус онҳое, ки ба ҳимоят бештар ниёз доранд, боз ҳам таҳвият хоҳад бахшид.

Дар бисёре аз кишварҳои хориҷӣ фаъолияти Омбудсман оид ба кӯдакон бо қонунҳои махсус танзим карда мешавад.

Мониторинги байналмилалии ҳуқуқи кӯдак аз ҷониби Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак ва дигар мақомоти шартномавӣ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нишон медиҳад, ки Ӯзбекистон як қатор мушкилотро вобаста ба набудани механизмҳои самарабахши ташкилию ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон дорад ва он бояд ҳаллу фасл гардад.

Иштирокчиёни мизи мудаввар таъкид карданд, ки фаъолияти Омбудсман, ки ба ҳуқуқи кӯдак махсус гардонида шудааст, ба таҳкими эҳтиром ба шахсияти кӯдак ва ҳифзи шаъну шараф, озодӣ ва ҳуқуқҳои қонунии ҳар як кӯдак хизмат мекунад.

Дар суҳбати мизи гирд масъалаи ситифодаи таҷрибаҳои кишварҳои дигар хеле доманфарох баррасӣ гардид. Гуфта шуд, ки таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки ба фаъолияти омбудсманҳои тахассусии ҳуқуқи кӯдак такмили идоракунии давлатӣ ба манфиати кӯдак, татбиқи муқаррароти Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, таҳвияти эҳтиром ба кӯдак, баланд бардоштани маърифати мардум, мақомоти давлатӣ, волидон ва барои ҳимояи шаъну шараф, ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунӣ ва олии кӯдак аз ҷониби ворисонашонро мадди назар хоҳад гирифт.

– Суҳбати мазкур хеле масъалаҳои мадди назарро амиқ таҳлил ва баррасӣ намуд. Бояд гуфт, ки баргузор намудани чунин суҳбатҳо ва мулоқотҳои давомдор ҳамеша барои беҳтару бештар фаро гирифтани кор дар мавриди ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон заминаҳои мусоид фароҳам меоваранд, – гуфт ба мухбири "Овози тоҷик" сухангӯи Омбудсмани Олий Мажлис Фотима Мадраҳимова.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири "Овози тоҷик".

ДАСТГИРИИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ

Дар ноҳияи Чортоқи вилояти Намангон дастгирии иҷтимоии аҳолӣ хуб ба роҳ монда шудааст.

Дар 14 маҳаллаи ҷамоати шаҳрвандон, воқеъ дар сектори 2-юми ноҳия, ҷамъ 8 ҳазору 693 оила ба сар мебарад. Аз ин миқдор 564 оилаи ба кӯмаки моддӣ ниёзманд ба рӯйхати «дафтари оҳанин» дароварда шуда буд. Қисмате аз онҳо дар шароити пандемия муваққатан аз даромад маҳрум гардида буданд, қисми дигарашонро бекорон ва маъюбон ташкил медиҳанд.

Дар натиҷаи чорабиниҳои саривақтӣ ва дастгирии моддию иҷтимоӣ то имрӯз 75,2 фоизашон аз рӯйхат бароварда шудаанд. Ҳоло дар рӯйхати «дафтари оҳанин» 140 оила номнавис шудааст. Доир ба кам кардани рӯйхати оилаҳои муҳтоҷ ва коҳиш додани камбағалӣ чораҳо андешида мешаванд.

Дар акс: *чораандешҳо доир ба дастгирии иҷтимоии аҳолӣ дар ноҳияи Чортоқ.*

Аксбардор: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ҲзА).

Аниси кунҷи танҳоӣ

ХУШТАР ЗИ КИТОБ ЁРЕ НЕСТ

Имсол Маркази ахбору китобхонаи ба номи А. С. Пушкини вилояти Самарқанд 110-умин солгарди худро ҷашн мегиранд.

Дар саргаҳи хиёбони донишгоҳи Самарқанд бинои хушсохту зебое диққатро ба худ мекашад. Алҳол ин иншоот ба ҷойи дӯстдоштаи ҷавонон табдил ёфтааст. Замоне бо ташаббуси бостоншиноси маъруфу маърифатпарвар В. Л. Вяткин, кӯмаки беғаразонаи полковник Г. А. Брежитский, агроном Й.Н.Грушанский ва дигарон китобхонаи мазкур ба кор сар карда буд.

Баъдтар барои боз ҳам маълуму машҳур шудани китобхона директори он Шаҳодат Аҳмадова хеле заҳмат кашид. Бояд таъкид намуд, ки Шаҳодат Баҳриевна солҳои таҳсил дар факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Самарқанд зуд-зуд ба ин китобхона омада, аз хидмати беминнати ходимон баҳра мебурд. Муҳаббат ба адабиёт ва таърих буд, ки ӯ аввал дар китобхонаи асосии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ва 25 соли охир дар Маркази ахбору китобхонаи ба номи Пушкин ба ҳайси директор хидмат кард. Маҳз бо ғайрату ташаббускории ӯ дар ин ҷо корҳои ибратбахш ба фарҷом расиданд.

– Қарори сарвари давлатамон оид ба такмил додани хизмати ахбору китобхона айни муддао гардид, – гуфт Шаҳодат Баҳриевна. – Бинобар ин, мо лоиҳаи таъмири биноро таҳия намудем ва дар ин даргоҳи илм 6 миллиарду 320 миллион сӯмина корҳои бозсозиро амалӣ кардем. Бовар кунед, камина муддате ҳам роҳбар будаму ҳам бинокор.

Барои мувофиқи талаби замон ташкил кардани хизмати ахбору китобхона ба Русия, Украина, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Чехия, Олмон сафар кардам. Дар натиҷаи истифода аз таҷрибаи пешқадами хориҷӣ ҳоло китобхонаи мо на танҳо дар Ӯзбекистон, балки дар арсаи байналхалқӣ низ нуфузи хоса дорад.

Пас аз таъмир дар китобхона соҳаҳои гуногуни хизматрасонӣ ташкил гардид. Толори мажлис, қироатхона, осорхонаи дастнависҳои қадим, намоишгоҳ барои асарҳои нав, толори фоидабарӣ аз китобҳои электронӣ, нусхабардорӣ, шуъбаи маслиҳат ва ғайра далели фикри мост. Риштаҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо китобхонаи миллии ба номи Алишер Навоии пойтахт, якчанд мамлакати Осиё ва Аврупо мустаҳкам шуданд. Ҳоло сайти махсуси китобхона – www.samarkand.uz амал мекунад, ки тавассути он аз аудиторияи миллӣ ва ҷаҳонӣ метавон истифода кард.

– Шоҳида Баҳриевна, ҳоло дар бойгонии китобхона чӣ қадар китоб ҳаст? Бо забони тоҷикӣ низ китобҳо ҳастанд?

– Дар бойгонии мо беш аз 633 ҳазор китоб мавҷуд буда, он қариб 500 ҳазор номгӯй китобҳои русӣ, беш аз 40 ҳазор адад адабиёти ӯзбекӣ ва ду ҳазор асарҳои тоҷикӣ мебошанд. Пас аз ба истиқлол расидан ва бинобар баста шудани сарҳад бо Тоҷикистони бародарӣ фонди китобҳои тоҷикӣ кам гардид. Хушбахтона, солҳои охир бо ташаббуси сарвари давлат сарҳадҳо бо ин давлати ҳамсоя кушода шуд. Умед аст, ки минбаъд аз Тоҷикистон китобҳои тозанашр хоҳем гирифт.

– Дар бораи кормандони китобхона низ чанд сухан мегуфтед.

– Дар ин ҷо беш аз 50 нафар мутахассисони соҳаҳои гуногуни дорои маълумоти олӣ адои вазифа мекунанд. Ходимони пуртаҷриба Мастура Ҳайитбоева, Муҳаббат Шертоева, Нигора Наҷмиддинова, аз он ҷумла ҷавонон Насиба Мирзоева, Заррина Ҷунайдова ва дигарон ба мизоҷон хизмати беминнат мерасонанд.

– Сулолаи Аҳмадовҳо дар Самарқанд машҳуранд.

– Барои илтифот ташаккур! Фарзандонам дар соҳаҳои гуногун фаъолият мебаранд. Набераам Асилбек ҳафт забон – англисӣ, тоҷикӣ, ӯзбекӣ, хитоӣ, арабӣ, русӣ ва ҳиндиро мукаммал медонад Қуръони Каримро ҳифз намудааст. Набераи дигарам Баҳринисо, ки ба хотири падари бузургворам чунин ном гузоштаам, алъон дар факултаи филологияи руси Донишгоҳи давлатии Самарқанд мехонад. Аллакай бисёр китобҳоро хондааст.

– Шумо роҳбари соҳибтаҷриба, модари меҳрубон, модаркалони дуогӯй ҳастед. Мехоҳем маслиҳату насиҳати шуморо тавассути рӯзнома ба насли наврас расонем.

– Солҳои таҳсил дар мактаб ин байти машҳури Абдураҳмони Ҷомиро аз ёд карда будам:

Аниси кунҷи танҳоӣ
китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ
китоб аст.

Модоме ки «хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест» ва аз он дар гӯшаи танҳоӣ сад роҳат ҳаст, бояд бо китоб дӯст бошем, бештар китоб хонем.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА.
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар
вилояти Самарқанд.

Дар ҳошияи Муроҷиат

ҲАДАФҲОИ НЕК, ВАЗИФАҲОИ ТАЪХИРНОПАЗИР

Имрӯзҳо Муроҷиатномаи Президентро ба парлумон пиру барно муҳокима намуда, дар бораи муҳимтарин ҷиҳатҳои он фикру мулоҳизаи хеҳро иброз менамоянд. Дар Муроҷиатнома ба ҳамаи паҳлӯҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ эътибор нигаронида шудааст.

Алалхусус инкишоф додани имкониятҳои зеҳнии ҷавонон, ба кори доимӣ бандкунии бонувон, баланд бардоштани обрӯву эътибори омӯзгорон дар ҷомеа, оммавӣ гардондани тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ҳар чӣ бештар фаро гирифтани кӯдакон ба муассисаҳои таълими томактабӣ, озодии сухан, ободии маҳаллаҳо, ислоҳоти соҳаи суду ҳуқуқ ва ҳоказо дар Муроҷиатнома мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Тавре ки дар он таъкид мегардад, соли 2020 аз ҳар нигоҳ барои халқи мо мушкил омад. Пандемия аҳли оламро ба ташвиш андохт. Низоми рушди иқтисодиёт халал ёфт. Натанҳо дар ҷумҳурӣ, балки саросари ҷаҳон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот коҳиш ёфт.

Бо вуҷуди ин халқи мо бо сабру таҳаммул ин ҳама мушкилиҳоро паси сар мекунад. Аз Муроҷиатнома мехонем: «Дар доираи ҳаракати миллии «Саховат ва дастгирӣ» бо иштироки фаъолонаи ҳамватанони ҳимматбаландамон беш аз 800 оилаи камтаъмин мадади моддиро дар миқдори беш аз 1 триллион сӯм ба даст овард».

Ҳукумати ҷумҳурӣ ғами ҳамватанони берун аз кишварро низ хӯрд. Пасу пеш онҳоро ба Ватан баргардонданд. «Ба мамлакат беш аз 600 ҳазор нафар ҳамватанон баргардонида шуданд. Қариб ба 100 ҳазор нафар шаҳрвандонамон, ки дар хориҷ дар вазъияти мураккаби ҳаёт қарор гирифтанд, кӯмак ташкил карда шуд», – омадааст дар Муроҷиатнома.

Барои истеҳсол ва захира кардани маҳсулоти мавриди ниёз дар хоҷагии қишлоқ корҳо қатъ наёфтанд. Кишоварзони ҷумҳурӣ ба қоидаҳои карантин амал намуда, маҳсулоти асосиро расонида доданд.

«Соли ҷорӣ 91 ҳазор гектар замин дубора ба кор андохта шуд. Технологияи сарфакунандаи об дар 133 ҳазор гектар замин татбиқ гардид, ки ин нисбат ба соли гузашта ду баробар зиёд аст».

Чуноне ки дар Муроҷиатнома зикр гардидааст: «Соли 2020 бемуҳобот дар соҳаи ҳимояи иҷтимоӣ гардиши куллӣ ба вуҷуд овард». Оре, дар соли 2020 аз кӯмаки иҷтимоӣ ду баробар зиёд аҳолӣ баҳраманд шудааст.

Бандаро баробари ин гуна масъалаҳои муҳим нигоҳи тозаи сарвари давлат, ки ба мактабу таълими халқ дорад, бештар ба худ мекашад. Ин нукта хеле муҳим аст, ки агар пойдевори таълиму тарбия боғча бошад, пас то соли 2023 75 фоизи кӯдакони синни томактабӣ ба боғчаҳо фаро гирифта мешаванд. Муассисаҳои таълими томактабии хусусӣ низ меафзояд. Яъне, саҳми бахши хусусӣ дар ин самт то 25 дар сад афзоиш хоҳад ёфт.

Президент дар бораи муҳимияти сифати таълими мактабӣ сухан ронда, ғояи неки «Ӯзбекистони нав аз остонаи мактаб, аз системаи таълиму тарбия шурӯъ мешавад»-ро пеши ҳамагон вазифа мегузорад ва дар ҷое мегӯяд: «Сифати таълими мактабӣ ҳам дар пойтахт ва ҳам дар деҳоти дурдаст бояд баланд бошад. Бо ин мақсад, бояд барномаи махсуси бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани мактабҳои ноҳияҳои дурдаст ва баланд бардоштани сифати таълим амалӣ карда шавад...»

Дарҳақиқат, ҳар як фарде, ки ба оянди диёр ва тақдири фарзандони худ бефарқ нест, ин нуқтаҳоро аз худ мекунад, барои иҷрои он кӯмак мерасонад.

Модоме ки тамоми диққату эътибор барои баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор равона карда шудааст, яъне: «касби омӯзгорӣ дар ҷомеа бояд бонуфузтарин ва муҳтабартарин гардад» пас омӯзгорон ҳам бояд барои таълими хушсифат, такмил додани дониши худ кӯшиш ба харҷ диҳанд...

Муроҷиатнома саршор аз ҳадафҳои нек, вазифаҳои таъхирнопазир мебошад. Иҷрои онҳо аз ҳар як кас масъулият металабад.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Рӯҳангез Мардонова — зодаи маҳаллаи Мӯлиёни шаҳри Самарқанд ҳоло 17-сола аст. Бо амри тақдир ҳоло бо аҳли оила даҳ сол аст, ки дар Амрико истиқомат дорад. Мо ӯро дар ҷараёни таҳияи "Тазкираи эҷодкорони муҳоҷир" тавассути бобояш Аҳмадҷон Аҳрорӣ, ки аз маърифатпарварони Самарқанд аст ва ҳоло ҳамчун бархе аз ҳамдиёрони мо бо хонаводааш дар Амрико зиндагӣ дорад, дарёб кардем. Соҳиби истеъдоди хоса будани ин духтараки самарқандиро аз ҳолномааш, ки онро худаш нақл кард, ба хубӣ донистан мумкин аст.

РӮҲАНГЕЗИ СОҲИБИСТЕЪДОД

«...Ҳанӯз, ҳангоми шашсолагӣ, дар деворҳо расм мекашидам. Ман аз синфи панҷум ба мактаби дигар гузаштам. Нахуст дар ин мактаб дӯстони навро пайдо кардан душвор шуд.

Чун бори аввал ба китобхонаи он даромадам, ба ман хеле маъқул шуд. Зеро дар он ҷо курсиҳои мулоим ва болинчаҳои мувофиқ барои нишаста китоб хондан мавҷуд буданд. Рафҳо пур аз китоб. Агар шумо китоби зарурро пайдо карда натавонед, муаллим дасти ёрӣ дароз мекард. Китобҳо дӯстони ман буданд. Ба туфайли китоб боз бисёр дӯстони китобхон пайдо кардам.

Дар синфи шашум маро ба гурӯҳи нақшакашӣ пайвастанд. Дар ин ҷо ман донистам, ки барои мусаввир чиҳо лозиманд ва чӣ гуна рангҳои махсуси тасвирӣ мавҷуданд. Муаллима маро баъди дарс ба маҳфили мусаввирӣ даъват кард, бо ҷону дил розӣ шудам ва бештарин вақти худро дар ин маҳфил мегузаронидам. Зеро мо – иштирокчиёни маҳфил хеле аҳлу тифоқ будем ва асосан барои суратқашӣ ҷамъ мешудем. Барои мо ҳамаи шароит – ранг, қаламу ашёи расмкашӣ муҳайё буд.

Дар синфи ҳафтум дар мактабамон клуби рақс ташкил шуд ва ман ба машғулотҳои он низ иштирок мекардам. Ин давр лаҳзаҳои хуштарин ҳаёти ман буд.

Хонаи рақс оинакорӣ буд ва маро лозим меомад, ки ба саҳна ҳам бароям. Муаллима рақси маро дида, маслиҳат дод, ки баъди дарс монда бештар машқ кунам. Ман розӣ шудам ва ҳар ҳафта рӯзи сешанбе баъди дарс таҳти оҳанг мераксидам.

Дар тадбирҳое, ки дар мактаб ташкил мешуданд, рақс мекардам ва ин ба ҳама маъқул буд.

Ман хушбахтам, ки дар намоиши Бруклин бо мусаввараи "Дили кишвар" иштирок карда, сазовори мукофоти баланд гардидам.

Ҳамзамон ман ба Мактаби олии санъати Ла-Гуардия дохил шудам. Ҳеҷ гумон надоштам, ки ба ин мактаб дохил мешавам. Ла-Гуардия мактабест, ки дар он раққосаҳои касбӣ, актёрҳо ва фарзандони ҳунарпешаҳои машҳур таҳсил мекунанд. Ҳоло дар бахши сеюм (синфи ёздаҳум) бо баҳои аъло таҳсил мекунам.

Дар Ла-Гуардия аз рӯйи ихтисосҳои санъати тасвирӣ, рақс, драма ва асбобҳои мусиқӣ таълим дода мешавад. Китобхонааш бо компутери замонавӣ, ҳама гуна адабиёти дарсӣ ва илмӣ, дигар ҳама маводи барои таҳсил зарурӣ ва кори илмӣ таъмин аст. Муаллимон, агар душвории шуморо бобати аз худ намудани ягон ҷиҳати таълим мушоҳида кунанд, фавран кӯмак мерасонанд. Лекин ман кӯшиш менамоям, ки ба чунин ҳолат наафтам.

Дар хурдсолиам модаркалонам мегуфт, ки "Ту маликаи мо ҳастӣ". Ман калонтар шуда, ин муҳаббатро боз бештар эҳсос менамоям. Яъне тамоми хонавода ба ман пушту паноҳ ҳастанд.

Мақсади ягонаи ман бештар хондан ва омӯхтан».

Рӯҳангез дар санъати рақс ва мусаввирӣ пайваста ба муваффақиятҳо ноил мегардад. Дар жанру намудҳои гуногуни санъати тасвирӣ қувваозмоӣ намуда, ҳунари худро сайқал медиҳад. Пайваста бо ин орзу дорад, ки ба мактаби олии духтурӣ дохил шуда, дар табобат низ муваффақ шавад.

Ногуфта намонад, ки Рӯҳангез забони модарии худ – тоҷикиро дӯст медорад ва дар фурсатҳои муносиб ба додаронаш низ ин забонро меомӯзонад.

Умеда ҚАМАРОВА.
Ню-Йорк. ИМА.

Ҳокими ноҳияи Поп Аъзамҷон Султонов роҳбарони корхонаҳои хориҷиро пазируфт. Бо директори корҳои молиявии ширкати «Сибирское здорове» Наталя Гороховская ва директори корхонаи «Siberian wellness in Uzbekistan» Баҳром Ҳоҷиматов доир ба лоиҳаи ташкил кардани боғҳои интенсив музокираҳо бурда шуд.

Роҳбарони корхонаҳои хориҷа дар ҳузури ҳоким

Муовини ҳокими ноҳия Равшанбек Анорбоев оид ба корҳое, ки дар соҳаи инвеститсия бурда мешаванд, маълумот дод.

Соҳибкорони хориҷӣ дар навбати худ барои маълумоти муфассал миннатдорӣ изҳор намуданд. Таъкид шуд, бинобар он, ки дар ноҳия кор бо ҳамкорони хориҷӣ ба тарзи ошкоро ва конструктивӣ бурда мешавад, онҳо ҳамкори боэътимод шуда метавонанд.

Ҳокими ноҳия бо лоиҳаҳое, ки ҳамкорон пешниҳод намуданд, шинос шуд ва гуфт, ки дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон кӯмак расонда, онҳоро дастгирӣ мекунад.

Шоҳида ДАМИНОВА.
Вилояти НАМАНГОН.

Ворисони муносиб хоҳанд шуд

Ба қарибӣ чанде аз афсарону сарбозони қисми сарҳадбонӣ ва кормандони идораҳои давлатии ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона ба маҳфили муассисаи томактабии рақами 13-уми ноҳия даъват шуданд.

– Хидмат ба Ватан ин яке аз нишонаҳои муҳаббат ба Ватан, қарзи ҳар як фарзанди вафодори миллат аст. Бедор намудани ҳисси ватандӯстӣ ва ҳимояи он ҳанӯз дар зинаи аввали таълим — дар муассисаҳои таълими томактабӣ омӯзонида мешавад. Мақсад аз ташкил ва тайёр намудани маҳфили мазкур ба ин нукта равона шудааст, – гуфт мудири шуъбаи муассисаҳои томактабии ноҳия Гулноза Усмонова.

Кӯдакон либосҳои афсариро пӯшида, доир ба Ватан, аскарон шеър ва сурудҳо хонданд. Дар рафти чорабинӣ кӯдакон кӯшиш мекарданд, ки мисли бародарони калонсоли худ симои аскари ҳақиқиро нишон диҳанд. Ҳатто онҳо мисли аскарон қасамёд карданд.

Аз кӯдакон Имрон Абдумаликов, Аҳмад Аҳмадҷонов, Абдувалӣ Қурбоналиев дар ин чорабинӣ фаъолона иштирок намуданд. Онҳо сазовори туҳфаҳои хотиравии аскарӣ низ гаштанд.

– Ман гумон намекардам, ки кӯдакон таваҷҷӯҳи тамоми аҳли маҳфилро ҷалб намуда, маҳорати худдошонро нишон медиҳанд ва моро дар ҳайрат мегузоранд. Умедворам, ки дар оянда ворисони қаҳрамонписари афсонавии тоҷик – Тешабой Одилов аз ҳамин даргоҳ сабзида мебароянд, – мегӯяд мудири шуъбаи беморихои сироятии ноҳияи Сӯх Меҳрубон Болтаев.

Файзулло ИБРОҲИМОВ,
мухбири ҷамоатии
"Овози тоҷик".

Дар ҳошияи Муроҷиат

ДАР РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ТАЪЛИМИ ТОМАКТАБӢ

Муроҷиати Президент ба Олий Маҷлис ва халқамон нафақат эътибори ҳамдиёронамонро, балки сиёсатшиносони давлатҳои хориҷӣ ва вакилони ҷамоатиро низ ба худ ҷалб кард. Бошандагони тамоми дунё аз пандемияи коронавирус дар хавотир буда, ин ба иқтисодиёти дунё таъсири калон гузошта бошад ҳам, дар ин самт мамлакати мо ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид. Дар ин бора дар Муроҷиатнома мулоҳиза гардида, вазифаҳои оянда муайян шуд. Пандемияи коронавирус иродаи халқамонро бори дигар аз имтиҳон гузаронид. Аз рӯзҳои нахустини пандемия фаъолияти муассисаҳои тиббӣ ба ҳолати фавқулодда гузаронида шуд.

Барои бартараф кардани оқибатҳои пандемия аз тарафи давлатамон 82 триллион сӯмина тадбирҳо амалӣ гардид, ки ин кори осон набуд. Дар натиҷаи чорабиниҳои таҷлилии муфид, хавфи ин бемории хатарнок кам карда шуд.

Ба чунин рӯзҳои ташвишовар ва пурталотум нигоҳ накарда, фаъолияти таълими томактабӣ ба роҳ монда шуд. Иҷрои вазифаҳое, ки аз тарафи сарвари давлат, Вазорати таълими томактабӣ, ҳокимияти вилоят пешбинӣ шуда буд, аз тарафи садорати муассисаи таълими томактабии вилоят бечуну чаро ба амал бароварда мешавад.

Дар соли сипаришуда дар вилоятамон 14-то муассисаи таълими томактабии давлатӣ, 394-то муассисаи таълими томактабии ғайридавлатии нав ташкил шуда ба фаъолият шурӯъ кард. Ҳоло дар вилоят шумораи муассисаҳои таълими томактабии давлатӣ ва ғайридавлатӣ ба 1618-то расид.

Пас аз нарм гаштани пандемияи коронавирус ба фаъолият шурӯъ кардани ташкилоти таълими томактабии вилоят бо 1 миллиарду 257 миллион сӯмина воситаҳои санитарию гигиенӣ таъмин гардид.

Мувофиқи пешниҳоди Президент соли 2021 дар мамлакатамон «Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ» номбар шуд.

– Мо бояд корҳои васеъмиқёсро оид ба ислоҳоти куллӣ ва рушди минбаъдаи самтҳо, ки дар номи соли 2021 муайян гардидааст, анҷом диҳем, – қайд кард Президент.

Якум, давраи муҳимтарини ҳаёти кӯдак синни томактабӣ мебошад, ки фаъолияти зеҳнӣ инкишоф, ғояҳои ахлоқиву эстетикӣ ва сифатҳои ҷисмонӣ ташаккул меёбанд.

Аз ин рӯ, ҳадафи стратегияи мо дар рушди таҳсилоти томактабӣ дар солҳои оянда фароҳам овардани шароити зарурӣ барои фарогирии ҳамаи кӯдакон мебошад. Мо бояд таҳсилоти томактабиро ба 65 фоиз ва дар охири соли 2023 ба 75 фоиз расонем. Инчунин, аз ҳисоби ҷудо кардани 600 миллиард сӯм кӯмаки молиявӣ аз буҷа 2000 кӯдакистони ғайридавлатӣ таъсис дода мешавад, ки саҳми бахши хусусӣ дар ин самт то 25 дарсад афзоиш хоҳад ёфт.

Дар баробари ин, соли 2021 системаи омодагии ройгон ба мактаб 560 ҳазор, ё 82 фоизи кӯдакони шашсоларо фаро мегирад. Дар деҳаҳои дурдаст истифодаи шаклҳои алтернативии таҳсилоти томактабӣ васеъ мегардад. Дар ҳамкорӣ бо ЮНИСЕФ ва Бонки ҷаҳонӣ намунаи таълими барвақти кӯдакон дар хона барои кӯдакони имкониятаашон маҳдуд ба роҳ монда мешавад.

Чуноне ки ба қарибӣ дар видеоселектор бахшида ба маънавият ва маърифат таҳти сарварии Президент баргузор гардид, аз кӯдакистонҳо ба роҳ мондани тарбияи маънавӣ ба пешамон ҳамчун вазифаи муҳим гузошта шуд. Мо аз ин хулосаи зарурӣ бароварда, дар кишварамон барои ҳунёд кардани пойдевори Эҳёи сеюм, бо шуҷоат ва масъулияти фаъолият мебарем. Ба авлоди наврас аз боғчаи бачагона сифатнок таълим ва тарбия додан ба роҳ мемонем. Барои аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ фарзандони солими ватанпарварро ба воя расонидан ҳамаи дониш, таҷрибаи бой ва қувваамонро сарф менамоем.

Ҳилола ЮСУПОВА,
сардори садорати муассисаҳои таълими томактабии вилояти Намангон.

Акси садо

ДОДАР, ТУ МУАЛЛИМӢ!

Дар шумораи 13 июни соли 2020, № 38 «Овози тоҷик» «Шумо чӣ мегӯед?» ном андешаҳои муаллимаи тоифаи олии мактаби рақами 2-юми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона Эркиной Султоноваро хондам. Андешаҳои муаллима дархӯрди замон аст. Ӯ одилона омӯзгорро ба офтоб шабеҳ додааст. Агар офтоб бо нураш оламро равшанӣ диҳад, омӯзгор бо нури илму маърифат роҳи инсонро дар зиндагӣ мунаввар мегардонад.Муаллима оқилона суол мегузорад: «Лекин мо имрӯз муаллимонамонро ба таври ҳаққонӣ офтоб гуфта метавонем? Оё ин «офтоб» барои ҳар яки мо азизу мукаррам аст ё на? Оё муаллим ба ҳамон мақоме, ки ба он дода шудааст, мувофиқат мекунад?» ва ҷавоб низ одилонаву оқилона садо додааст: «Афсус, ки ба ин савол на ҳамеша «ҳа» гуфта ҷавоб дода метавонем».

Муаллима танҳо аз хусуси одоби либоспӯшии муаллимон дар мактаб сухан рондааст. Риоя ба одоби либоспӯшӣ дар мактаб кам аст. Муаллим қувваи асосии пешбурди корҳои маънавӣ ва маърифатӣ дар ҷомеа мебошад ва ӯ бояд дар ҳар гуна ҳолат – дар чорабинӣ ё корҳои ҷамъиятӣ бояд зоҳиран ва ботинан намунаи ибрат бошад. Ба ӯ натанҳо толибилмон, балки аҳли ҷомеа ҳавас ва пайравӣ кунад. Муаллим чӣ бо одоби либоспӯшӣ, чӣ бо гуфтору рафтор аз дигар табақаҳои ҷомеа фарқ мекунад ва дар ташаккули маънавияту маърифати онҳо саҳмгузор бояд бошад.

Рӯзе (таътили тобистонаи бачаҳо буд) дар суроғи рӯзнома ба мактаби № 30 рафтам. Дар деҳот асосан омӯзгорон ба матбуоти даврӣ обунааанд ва дастбакори шӯъбаи алоқа газетаҳоро то мактаб мерасонад. Аз газетаҳо хабар набуд. Бо посбони мактаб Ғайбулло Насруллоев рӯйи харакисаҳнаи мактаб суҳбат доштем. Муаллими ҷавоне омад. Дар пой чоруқи нӯгипоӣ, ба ҷойи шим «шортик» ва ҷойи курта таҳпӯши мардона (футболка) дошт. Ба дурудаш алейк нагирифта гуфтам:

– Бо ин либос дар кӯча гаштай? Ту муаллим ҳастӣ ва аз паси ин касби бошараф зиндагӣ дориву фарзанд ба воя мерасонӣ.

Шармаш омад. Баҳона пеш овард: – Муаллим, нисфирӯзӣ аст. Дар кӯча касе нест ва маро касе надидааст.

– Не, додар, ин хел намешавад. Ту омӯзгорӣ, бояд дар гуфтору рафтор дигаронро намунаи ибрат бошӣ.

Рафт, тағйири либос карда омад.

Рӯзи дигар боз бо ҳамон матлаб мактаб рафтам. Роҳбари синфи нӯҳум Амон Кӯзиев рӯйи харакисаҳнаи мактаб нишаста буд. Гуфт, ки имрӯз хонандагони синфи нӯҳ мактаб меоянд.

Ду-се нафарӣ омадан гирифтанд толибилмон. Ва ҳар як нафар аз муаллим таъна мешунид. Чунки аксар писарбачагон бо «шортик» меомаданд. Бо талаби муаллим аксарашон баргашта либос иваз карда омаданд. Ва чун ҳама ҷамъ омаданд, хонандае гуфт: – Муаллим, баъзе омӯзгорони ҷавон дар кӯча бо шортик мегардандку, мо онҳоро дида пайравӣ намудем.

Ана, муаллим, идеали хонанда ва аҳли ҷомеа! Ин тоифа омӯзгорон бо кадом услуб аз толибилм одоби либоспӯшӣ ва вазифаҳои хонандагонро талаб мекунанд? Онҳо натанҳо ба мавқеъ ва мартабаи худ, балки омӯзгоронро беобрӯ ва беэътибор мекунанд.

Зиёданд омилҳое, ки симо ва сирати муаллимро муайян намуда, аз обрӯ ва эътибори омӯзгор дар ҷомеа шаҳодат медиҳанд.Ин ҷо танҳо бо иньикоси аҳамияти маданияти либоспӯшии омӯзгорон кифоят карда шуд. ҲаҚ аст Э. Султонова, ки навиштааст: «Пас, ба маданияти баланди либоспӯшӣ риоя намудани муаллимон кори ҳатмист».

Ўзбакбойи РАҲМОН,
ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.

ИСТИФОДАИ БОЗИҲО ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Фаъолгардонии хонандагон ҳангоми омӯзиши забони англисӣ, аз масъалаҳои муҳим ҳисобида мешавад.

Яке аз роҳҳои самарабахши ҳалли ин масъала, дохил намудани бозиҳои гуногун ба ҷараёни таълим мебошад. Равоншиноси машҳур Лев Виготский ҳанӯз дар аввали асри XX ба аҳамияти бозӣ зимни омӯзиш диққати махсус дода, иброз намудааст, ки кӯдакон тавассути бозӣ маҳорати фикркунӣ, ҳалли мушкилот, муошират бо ҳамсолон ва ҳаракатҳои мураттаби баданро сайқал медиҳанд. Истифодаи бозиҳо дар таълими забони англисӣ имкон медиҳад, ки омӯзгор фазои хуби психологӣ ва фазои эҷодиро дар дарс муҳайёё карда, хонандагонро ба омӯзиши ин фан ҳавасманд намояд, маърифати кӯдаконро рушду такомул бахшад. Истифодаи бозӣ ба кӯдак имконият медиҳад, ки бо изтироб, шармгинӣ, тарс аз хатоӣ, муборизе барад, иқтидори эҷодии худро боз ҳам бештар ошкор кунад ва ба худаш боварӣ пайдо намояд.

Бешубҳа, интихоби бозиҳои мушаххас барои лаҳзаҳои дилхоҳи дарс аз маҳорати педагогӣ ва тахайюлоти муаллим низ вобастагии калон дорад.

Дар асоси таҷрибаи корӣ ва мушоҳидаҳои дарсҳои омӯзгорон ба хулосае омадам, ки истифодаи бозиҳо дар дарси забони англисӣ барои самарабахшии таълиму тарбия ниҳоят муфид мебошанд. Барои намуна дар зер чанд намуди бозиро, ки дар дарсҳои забони англисӣ истифода намудан мувофиқи мақсад аст, пешниҳод менамоям:

Ҳикоя бо хатоиҳо (Story with mistakes)

Ин фаъолият маҳорати гӯшкунии хонандагонро беҳтар гардонида, ба таври бозӣ ташкил карда мешавад. Омӯзгор ба хонандагон ягон ҳикояро нақл мекунад, ё ягон хонанда ин корро иҷро мекунад. Вай кӯшиш мекунад, ки ҳамаи воқеаҳои ин ҳикояро нақл кунад. Баъд аз ин, хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, як хонанда бори дигар ҳикояро нақл намуда, ба хатоиҳо роҳ медиҳад. Аз гурӯҳҳо хоҳиш карда мешавад, ки ин хатоҳоро ёбанд. Кадом гурӯҳе бисёртар меёбад, ғолиб мебарояд.

Пурсиши вазифаи хонагӣ (Homework review)

Омӯзгорон баъзан барои пурсиши вазифаи хонагӣ вақти зиёди дарсро сарф мекунанд ва ин фаъолият барои самаранокии истифодаи дарс ва шавқовар гузарондани он хеле мувофиқ аст.

Омӯзгор хонандагонро ду нафарӣ шинонда, онҳо ҷавобҳои вазифаи хонагии иҷрокардаашонро муқоиса мекунанд. Дар мавриде, ки ба ҷавоби ҳамдигар розӣ набошанд, бояд исбот кунанд, ки ҷавоби онҳо дуруст аст ва барои чӣ. Омӯзгор ин равандро хомӯшона назорат намуда, барои худ қайд мекунад.

Шоҳназар ДОДОҚОЗИЕВ,
омӯзгори фанни забони англисии мактаби таълими умумии рақами 7-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.

Касе, к-ӯ ба дониш...

Касе, к-ӯ ба дониш барад рӯзгор,
На ӯ боз монад, на омӯзгор.
Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан,
Ба дониш тавон риштану бофтан.

***

Бад-он кӯш, то зуд доно шавӣ,
Чу доно шавӣ, зуд воло шавӣ.
На донотар он кас, ки волотар аст,
Ки волотар аст он, ки донотар аст.

***

Чу пухта шавад, талх ширин шавад,
Ба дониш сухан гавҳарогин шавад.
Сипоҳ андаку раъю дониш фузун,
Беҳ аз лашкари кашни бераҳнамун.

Абӯшакури БАЛХӢ.

Мактаби камолот ва ҳунар

Дар мактаби бачаҳои «Баркамол авлод», ки дар пойгоҳи Маркази бачаҳои «Баркамол авлод»-и ноҳияи Амударёи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ташкил дода шудааст, 1 ҳазору 188 нафар писарону духтарон ба маҳорати худ меафзоянд.

Дар мактаб бино ба самтҳои эҷодиёти техникию бадеӣ, кишваршиносӣ ва экологӣ, забонҳои хориҷӣ ва варзиш 45-то маҳфил кору фаъолият дорад.

Дар ин даргоҳи маърифат 44 нафар омӯзгор баробари таълиму тарбия додан ба бачаҳо, онҳоро ба эҷод ва касбу ҳунар раҳнамун месозанд.

Тарбиягирандагони мактаб дар чорабиниҳое, ки дар ҳудуди ноҳия ба муносибати ягон санаи муҳим баргузор мешаванд, ҳунару маҳорати худро намоиш дода, сабаби болидахотирии иштирокдорон мегарданд.

Дар акс: *дар мактаби бачаҳои «Баркамол авлод»-е, ки дар пойгоҳи Маркази бачаҳои «Баркамол авлод»-и ноҳияи Амударё созмон дода шудааст.*

Аксбардор: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).

Ба муносибати 146-солагии Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ

Маҳмудхоҷа БЕҲБУДӢ:

«МАТБУОТИ ҲАҚИҚӢ ОН АСТ, КИ РӮЙИ ХОТИРИ КАСЕ НАКУНАД»

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ (1875-1919) аз ҷумлаи чеҳраҳои мондагор буд, ки ҳамчун яке аз саромадони матбуоти тоҷику ӯзбек дар ташаккули бевоситаи публитсистикаи тоҷику ӯзбек нақши сазоворе гузоштааст. Падидаи тозаи адабӣ-маънавии халқи тоҷик дар оғози қарни XX таъсиси матбуоти тоҷик ва ҳамзамон дузабона мебошад, ки ҳамчун дастгоҳи нерӯманди иттилоотӣ дар инъикоси ҳаводиси тоза ва таблиғоти фикрӣ, дар бозтоби масоили умдаи адабӣ, ҳаёти сиёсиву иҷтимоии халқи тоҷик саҳми арзанда гузоштааст.

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ соли 1913 нашрияи “Самарқанд” ва баъдан маҷаллаи “Ойина”-ро таъсис намуд, ки пеш аз ҳама ба рушду ташаккули афкори омма ва вусъати ниёзҳои маънавии халқ заминаи мусоид фароҳам овардааанд. Баҳори соли 1913 Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ нашри рӯзномаи «Самарқанд»-ро оғоз намуд. Ин нашрия чун минбари баёни афкору ғояҳои пешрави равшангарон дар як муддати кӯтоҳ миёни хонандагон маҳбубият пайдо кард. Равшангарону адибони маърифатпарвар низ нашри ин рӯзномаро хуш истиқбол гирифтанд.

Дар нашрия бо забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ маводҳои пурарзише дарҷ гардидаанд, ки дар бозгӯйи масоили умдаи ҷомеаи он давр аҳамияти хос доранд. Бино ба гуфтаи Беҳбудӣ «матбуоти ҳақиқӣ он аст, ки рӯи хотири касе накунад». Аҳли эҷоди рӯзнома аз рӯи ин гуфтаҳо амал намуданд.

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар бештари навиштаҳояш иллатҳои рушд накардани ҷомеаро баён намуда, ҳамзамон роҳҳои ҳалли муамморо нишон медиҳад. Ба андешаи ӯ уламо ва сарватмандон яке аз омилҳои рушди ҷомеа мебошанд. Рушди ҷомеа ба гуфтаи Беҳбудӣ аз ҳиммату ғайрати онҳо сахт вобаста аст.

«Бояд сарватмандон барои дар рӯҳияи замона тарбият ёфтани миллат, каме маблағ сарф намоянд, чунончӣ мактабҳои усули навро барпо намоянд. Баҳри таълими насли навраси миллат, ки дар мактабҳои миёна ва олии ҳукумат таҳсил менамоянд талошу ҷадал намуда, кӯмаки хешро дареғ надоранд». Беҳбудӣ дар боби кӯмаки тоҷирону сарватмандон ҳарф зада, бо ҳисси таассуф ва ҳайрат аз саховатмандии тоҷирони кишварҳои хориҷа ёдовар мешавад. Ба гуфтаи ӯ «дар Туркистони мо ҳанӯз навбати ин корҳо наомадааст. Ҳар кас пайи нафъи хеш ва корҳои шахсии хеш саргардон аст».

Рушду пешрафти кишварҳои хориҷиро Беҳбудӣ аз баракати илму дониш дониста, аз набудани илму дониш дар ҷомеа ёдовар шуда мегӯяд: «Дар ҷомеаи имрӯза беилмӣ он қадар зиёд шудааст. Мо мусулмонем, илм лозим асту амал. **Хондан лозим, барои чӣ дар миллатҳои дигар аз сад нафар як нафар бесавод нест. Дар мо бошад, аз сад нафар як саводнок нест?** Наврасони миллатҳои дигар дар мактаб ҳастанд, лекин аз они мо дар ҳаммолию гадоианд».

Ислоҳи мактабу мадрасаҳоро муҳим арзёбӣ намуда, Беҳбудӣ чунин мегӯяд, ки «агар имрӯз ба ислоҳи мактабу мадраса, яъне ислоҳи ҷомеа кӯшиш нанамоем, фардо дер хоҳад шуд». Дар ин нигошта, омӯзиши илму фанни замонавӣ ва динӣ тарғиб гардида, то ин ки омма ба қадру қимати илму дониш бирасанд.

Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар ҳар навиштаи хеш ҳаводис ва мушкилоту муаммои ҷомеаро ба таври воқеӣ мунъакис намуда, дар ин замина андешаҳои ҷолиби хешро баён намудааст. Ба андешаи ӯ, таълими илму дониши замонавӣ дар мактабҳо маҳрут аз бесаводӣ, бемаънавиятӣ ва нестӣ раҳоӣ мебахшад. Вазъи ногувори таълиму тадрис ӯро водор кардааст, ки мактабҳои кишварро бо макотиби хориҷӣ қиёс кунад: «Ба миллатҳои дигар нигоҳ кунед, бубинед, мактабҳои мунтазам доранд ва дар мактабҳо дар қатори илмҳои динӣ илму фанни дунявӣ лозим аст. Миллатҳое, ки аз илму фанни замона бебаҳраанд, поймоли миллатҳои дигар мегарданд». (“Самарқанд” – №31.30.07.1913).

Дар ин навишта саҳми сарватмандони замон, аз хайру саховатмандӣ ва амалҳои шоистаи бойҳои кишварҳои хорича ба аҳли ҷомеа ёдоварӣ шудааст. Ба гуфтаи Беҳбудӣ, онҳо барои аҳли ҷомеаашон мактабу донишгоҳҳо, барои ятимон идрорпулӣ (стипендия – **А.А.**), барои занон донишгоҳ бунёд намуданд ва бо ин фахр мекунанд.

«Аммо сарватмандони мо, бо чуфти аспу ароба, тӯй ва ҳоли зори ҷомеа фахр мекунанд. Ҳатто, баъзе бойҳо фарзандонашонро нахонондаанд. Ин раванд оқибати бад дорад. Хондан ва хонондан лозим. Ба фарзандон аз падарон илми динӣ ва замонавӣ бояд мерос монад».

Беҳбудӣ чун фарди огоҳ аз омӯзаҳои мутафаккирони Шарқу Ғарб пеш аз ҳама ба моҳияти зиндагии инсон рӯй меорад. Ӯ талаб менамояд, ки бояд дар зиндагӣ зидди бесаводӣ, бемаънавиятӣ, беилмӣ, фитнаю кина ва падидаҳои номатлуби дигар мубориза бурд ва пайваста баҳри қонеъ гардонидани талаботу ниёзи худ дар талош бояд буд.

Масъалаи мактаб ва ислоҳи он аз зумраи он мавзӯъҳои доимии нашрия ба шумор меравад. Дар рӯзнома нигоштаҳои зиёде дар ин бобат нашр гардидаанд, ки таҷдиди усули таълимро дар мактабу мадорис амри зарурӣ мешуморанд. Чунончӣ, дар нигоштаи “Лозими мактаб дар Бухоро” муаллиф аз зиёд будани мактаб дар ин шаҳр ёдовар шуда, мегӯяд: “Агарчӣ ҳеҷ шаҳре аз шаҳрҳои Туркистон баробари Бухоро макотиби ибтидоӣ ва мадорис надорад, вале афсӯс, ки аз касрати макотиб ва мадорис манфиат ба ҳоли миллат нест».

Вазъу ҳоли ногувори мактабҳоро Мирзо Сироҷ тасвир намуда, ботаассуф нодуруст будани раванди таълиму тарбияро дар онҳо зикр менамояд. Бино ба гуфти ӯ, ин мактабҳо ба ҷуз манбаи вақтгузаронии толибилмон буда, дигар самаре надоранд.

“Дар ин мактабҳо даҳ сол атфол бидуни таътили сайф... аз субҳ то ғуруби офтоб машғули фарёд ва фиғон буда, чун шахси моргазида бояд печу тоб бихӯрад. Тифлаки бечора чӣ машаққатҳое, ки намекашад ва чӣ садамаҳое, ки аз дасти муаллимини бесавод намебинад. Аз як тараф касиф будани мактаб, аз тарафи дигар зарби чӯб ва шалоқи муаллим кӯдаки мазлумро ба ҳазор гуна амроз гирифтор намуда, беҳис намуда, ба бадахлоқӣ дучор менамояд”. (“Самарқанд”, — №26,12.07.1913).

Қаҳрамони навишта «Шиква аз замон» маглубияти хешро иқрор шуда, таъсири афкори равшангарони даврро ба аҳли ҷомеа таъкид менамояд. Дар навишта аз ҷадидҳо муаллиф шикоят мекунад, инчунин ба бесаводии мударрис иқрор мешавад. Муаллиф аз таъсири афкори равшангарон ба ҷомеа ёд намуда, мегӯяд: «Имрӯз ин бадбахтҳо эътиқоди мардумро чунон хароб кардаанд, ки дар ҳеҷ ҷой наметавонем ду калима ба нафъи худ ҳарф бизанем. Ҳамин, ки даҳонатро кушодӣ, аз Қуръон далел меҳоҳанд. Ман куҷо? Аз Қуръон далел овардан куҷо? Бист сол дар кунҷи мадрасаҳо хок лесида, ҳанӯз як саҳифа китоби форсиро дуруст ва беғалат хонда наметавонам. Куҷо монда, ки Қуръони арабиро хонда тафсир кунам?» (Самарқанд, – № 34,9.08. 1913).

Дар ин мақола равшангарон ва афкори онҳо боиси касод шудани бозори муфтхӯрияш доиста шудааст. Бо шикоят аз замона муаллиф чунин навиштааст: “Эй Худо, аз дасти ин замонаи ғаддор куҷо гурезем ва ба кӣ паноҳ барем?.... Хулоса, бозорам касод ва арзҳоям фасод шуда, аз муфтхурӣ ва раёсатталабӣ маҳрум гардидаам. Танҳо ин Боғишамол солим ва холӣ аз ин мактаб буд, онро ҳам чанд нафар ҷадидҳо зоҳир шуда, вайрон ва аҳолияшонро хароб намуданд». (Самарқанд – №34,9.08.1913).

Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки таҳқиқу баррасии нашрияҳои Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар таҳқиқи афкори мавсуф ва шинохти омӯзаҳои маорифпарварон метавонад хидмати назаррасе намояд. Ҳамзамон нашрияҳои Беҳбудӣ дар шинохти таъриху фарҳанги Осиёи Марказӣ, тадқиқи ҳаводис ва авзои иҷтимоию сиёсии ҷомеаи он рӯз заминаи мусоид фароҳам меоваранд.

Абдуқодири АБДУРАУФ,
дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-125. Адади нашр 791, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.